Ба ҳуқуқи дастнавис
**УД К891.550**

**Саидаҳмадов Мирзоҳомид Мирзоевич**

# ТАЪЛИМИ РӮЗГОРУ ОСОР ВА АНДЕШАҲОИ АБӮҲАНИФА НУЪМОН ИБНИ СОБИТ ИМОМИ АЪЗАМ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ

**Ихтисос: 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забон ва адабиёти тоҷик)**

**АВТОРЕФЕРАТИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ**

**Душанбе - 2020**

**Рисола дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академия таҳсилоти Тоҷикистон омода гардидааст.**

**Роҳбари илмӣ:** **Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода-** доктори илми филология, профессор, мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

**Муқарризони расмӣ:** **Негматов Саъдуллоҷон Эргашевич** –доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷиксnúmitон

**Аҳмадов Мирзоҳабиб-** дотсенти кафедраи таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

**Муассисаи пешбар:** **Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

**Ҳимоя “06” феврали соли 2020, соати 13.00 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6Д.КОА-028 –и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ баргузор мегардад (734003,Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121).**

**Бо диссертатсия дар китобхона ва сайти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ www.tqpu.tj шинос шудан мумкин аст.**

**Автореферат “____”_________ 2020 фиристода шудааст.**

**Котиби илмии Шӯрои доссертатсионӣ,н.и.ф. дотсент** **Мирзоалиева А.Ш.**

## Тафсири умумии кор

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқ.** Таълими босамар ва мақсадноки рӯзгоруосори суханварон ва андешаву ақоиди мутафаккурони бузурги миллат дар муассисаҳои таълимӣ аз масоили муҳими таълиму тарбия ва методикаи таълим ба шумор меравад.Яке аз мавзӯи муҳимми имрӯзи ҷомеаи Тоҷикистон шинохтани мазҳаби Имоми Аъзам ва шеваидурусту босамари таълимирӯзгору осор ва андешаҳои ӯст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардаанд: "Мо мероси гузаштаи маънавӣ ва шахсиятҳои баруманди илмӣ, динӣ, адабӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии халқи худро бояд хуб шиносем ва бо истифода аз осори ғанӣ ва боарзиши онҳо ҷомеаи имрӯзаро дар рӯҳияи эҳтиром ба гузаштагон тарбия карда, ба ин васила як давлати озод обод ва орӣ аз таассубу ихтилоф эҷод намоем"(2,160) ва дар ин масъала омӯзиши ақоиди каломии Имоми Аъзамро вазифаи муҳимми муҳаққиқон медонанд: "Имрӯз замоне фаро расидааст, ки андешаҳо ва ақоиди каломии ин мутафаккир (*мурод Имоми Аъзам- С.М.М.*)-и бузург мавриди омӯзиш ва баррасии амиқу ҳамаҷониба қарор гирад. Ин вазифаи шарафмандонаи муҳаққиқони имрӯза ва оянда аст" (1,160). Мазҳаби ҳанафӣ, ки Имоми Аъзам бунёдгузори он аст, барои иттиҳоду ҳамбастагии мусалмонон дар гӯшаву канори олам, хусусан дар Тоҷикистон хизматҳои назаррасеро анҷом додаст ва бештари мардуми кишвари мо гаравидаи ин мазҳабанд. Аз сӯйи дигар, дар муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ фанни "Таърихи дин" таълим дода мешавад, ки қисмати асосии онро таърихи дини ислом ташкил медиҳад ва мазҳаби Имоми Аъзам дар он ҷойгоҳи хосса дорад. Ҳамчунин дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, аз ҷумла Донишкадаи давлатии исломӣ фанни "Таърихи дин" ва "Диншиносӣ" тадрис мегардад, ки бидуни донистани мазҳаби Имоми Аъзам ва шеваи дурусти таълими он ба мақсад расидан аз имкон берун аст. Илова бар ин, бархурди тамаддунҳо ва ихтилофҳои мазҳабӣ боиси гаравидани ҷавонон ба равияҳои гуногуни тундгаро гашта, ки ҷавонони тоҷик дар ин масъала истисно нестанд. Таълими дурусту босалоҳияти ин "мазҳаби таҳаммулгаро" (*таъбири Пешвои миллат -Эмомалӣ Раҳмон*) метавонад ҷавонони моро аз хатари гаравидан ба ҷараёнҳои динии экстримистии тундгаро наҷот бахшад. Ҳама ин масълаҳо зарурати таҳқиқу омӯзиши мазҳаби Имоми Аъзам ва коркарди шеваи тадриси ин мазҳабро ба миён оварда, ки интихоби мавзӯъ аз инҷост.

**Дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ**.Дар Тоҷикистону Афғонистон,Ҳиндустон, Эрон ва мамолики арабдоир ба масъалаҳои гуногуни мазҳаби Имоми Аъзам, ки яке аз чаҳор мазҳаби аҳли суннат аст,таҳқиқоти судманде анҷом шудааст. Аммо дар мавриди методикаи таълими осору рӯзгор, андешаҳои динии Имоми Аъзам (р) ва шеваи тадриси мазҳаби ҳанафӣ ба ҷуз аз навиштаҳои академик М. Лутфуллоев "Имоми Аъзам ва равиши донишандӯзӣ» (8), С. Маҳкамов «Омӯзиши

ҳаёт ва эҷодиёти Имоми Аъзам дар мактаб» (9), Фахриддин Насриддинов “Усули таълим ва тадриси Имоми Аъзам” (11) ва М.Аҳмадов “Таълими адабиёти тоҷик”(6) чизи дигаре, ки бевосита ба мавзӯи мавриди таҳқиқ дахл дошта бошад, ба назар нарасид. Устод М. Лутфуллоев дар навиштаи хеш “Имоми Аъзам ва равиши донишандӯзӣ» перомуни шеваи таълими Имоми Аъзам ва андешаҳои эшон дар мавриди усулитаълиму тарбия ва донишандузӣ изҳори назар кардаанд, ки ҷолиби таваҷҷуҳ аст (8). Китоби С. Маҳкамов дар мавриди омӯзиши рӯзгору осори Имоми Аъзам барои омӯзгорони мактаб дастурамали хубест. Муаллиф зарурати омӯзиши рӯзгор ва осори ин мутафаккири бузургро воқеъбинона ба миён мегузорад ва таъкид мекунад, ки «омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти пешвои мазҳаби ҳанафӣ ва фақеҳи аҳли суннат Имоми Аъзам дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ басо муҳим буда, хонандагонро дар рӯҳи одобу ахлоқи ҳамида, ғояҳои худшиносиву худогоҳӣ, покиву некӣ, матонату шуҷоат, дӯстиву бародарӣ, худофаҳмиву худотарсӣ, тамизи неку бад, ҳалолу ҳаром ва амсоли инҳо тарбият мекунад» (9,6).Аз он ҷо, ки муроди муаллиф танҳо хонандагони мактаб буда, дар ин китоб танҳо чанд масъалаи мазҳаби ҳанафӣ баррасӣ шуда, шеваи таълими онҳо нишон дода шудаасту бас. Ф. Насриддинов низ дар мақолаи хеш перомуни фаъолияти омӯзгории Имоми Аъзам баҳс намуда, муҳимтарин хасоиси мактаби фиқҳи ӯро бо далоили илмӣ нишон додааст (11). М. Аҳмадов дар китоби хеш “Таълими адабиёти тоҷик” аз нақши бузурги мазҳаби ҳанафӣ дар ҷаҳони ислом ва зарурати омӯзиши усули таълим ва андешаҳои Имоми Аъзам (р)-ро ба миён мегузорад ва усули таълиму тадриси мутафаккирро шарҳ медиҳад (6). Дар китобу рисолаҳои дигар, ки доир ба рӯзгору осори Имоми Аъзам ба нашр расидаанд , ба усули фиқҳи ҳанафӣ ва шеваи тадриси Имом Абӯҳанифа ишораҳо шудаанд, аммо дар ҳеч яке аз онҳо методикаи таълими рӯзгору осор ва андешаҳои динии пешвои мазҳаби ҳанафӣ ба таври комил таҳқиқ нашудааст.

**Ҳадафи тадқиқ:** аз лиҳози назариявӣасоснок кардан ва аз ҷиҳати амалӣ коркард намудани шеваи нисбатан осони шинохти мазҳаби ҳанафӣ ва таъйини усули таълими он дар муассисаҳои таълимӣ, алалхусус дар мадрасаву донишкадаҳои исломӣ.

**Обекти тадқиқ:** раванди бо таълими ҳамкории байнишахсӣ фаро гирифтани омӯзгори ояндаи таърихи дини ислом дар муҳити таълими бисёрфарҳангӣ(мазҳабӣ) дар муассисаҳои таълимӣ, алалхусус мадрасаву донишкадаҳои исломӣ.

**Фарзияи тадқиқ**: ташаккули маҳорати омӯзгорони ояндаи таърихи дини ислом ҳангоми тадриси мазҳаби Имоми Аъзам дар шароити бисёрфарҳангӣ босамар буда метавонад, **агар:**

- авзои сиёсию динии замони зиндагии Имом Абӯҳанифа, заминаҳои пайдоиши мазҳаби ҳанафӣ ва омилҳои ривоҷи ин мазҳаб дар Осиёи Миёна муайян гардида, шеваи таълими он таъйин карда шавад;
- шеваи зиндагии Имом Абӯҳанифа, тариқи дарсгӯии ӯ, усули ӯ дар ҳалли масоили шаръӣ, шеваи баёни ӯ ҳинни тадрис ва баҳс бо

донишмандони мазҳабҳои дигар равшан карда шуда, методикаи таълими онҳо коркард карда шавад;
- рукнҳои асосии мазҳаби Имоми Аъзам бо далоили мантиқӣ асоснок карда шуда, усули таълими онҳо таъйин шавад;
- осори Имом Абӯҳанифа, ки мазҳаби ҳанафӣ дар асоси онҳо бунёд ёфтааст, ҷудогона баррасӣ шуда, методикаи таълими онҳо коркард шаванд ва ғайраю

Дар асоси ҳадаф, мавзӯъ ва фарзияҳои пешниҳодгардида **масъалаҳои зер** мавриди тасвият карда шудаанд:

1.Таъйини мақоми Имоми Аъзам дар олами ислом ба ҳайсибунёдгузор ва пешвои яке аз чаҳор мазҳаби аҳли суннат ва муайян кардани усулии таълимиавзоии сиёсию динии рӯзгори ӯ, таъйини омилҳои ташаккулу такомули мазҳаби ҳанафӣ дар олами ислом ва методикаи таълими онҳо;

2. Таъйини рукнҳои асосҳои мазҳаби Имоми Аъзам ва коркарди усули таълими онҳо;

3. Муайян намудани и усули дарсгӯйии Имоми Аъзам ва коркарди шеваи таълими он;

4. Таъйин намудани осори Имом Абӯҳанифа ва коркарди методикаи таълими онҳо;

5. Муайян кардани усули фиқҳи Имом Абӯҳанифа ва таъйини шеваи таълиму тадриси он;

6. Таъйини андешаҳои каломии Имом Абӯҳанифа ва коркарди тарзи таълими онҳо.

**Асосҳои умумии методологияи тадқиқ**.Назария ягонаи раванди педагогӣ ҳамчун обекти фаъолияти омӯзгору донишандӯз дар шароити бисёрфарҳангӣ (бисёрмазҳабӣ) дар раванди таълимии таърихи дини ислом асосҳои умумии методологияи таҳқиқро ташкил медиҳад. Ҳамчунин диссертатсия дар заминаи усулҳои муқоисавӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, зимнан равиши сохторию оморӣ навишта шудааст.

**Асосҳои назариявии тадқиқ**ро методологии тадқиқ ба шеваи методикаи таълими муосир ва равиши таърихии динию таҳлили муқоисавӣ сурат гирифтааст. Дар диссертатсия ҳангоми баррасии мавзӯъ аз нуктаҳои назариявӣ ва амалии донишмандони соҳаи методикаи таълим, монанди К.Д. Ушинский, М.Лутфуллоев, С. Шербоев, А.В. Текучев,М.Маҳкамов, А.Муллоев, М. Аҳмадов, Ш.Р. Исрофилниё ва уламои илмҳои динӣ, амсоли Абдушшарифи Боқизода, Мавлоно Абӯмуҳаммад Мирзотоҳир, Имом Суютӣ, Абӯзаҳра, Абӯисҳоқи Шерозӣ, Абдуллоҳи Қазвинӣ, Муҳаммади Лоҳурӣ, Амр ибни Муҳаммади Шерозии Байзовӣ, Бадриддини Айнии Ҳанафӣ, Сулаймон ибни Башири Азадии Балхӣ ва дигарон суд ҷустаем.

**Манбаъҳои тадқиқ:** асарҳои педагогӣ, динӣ, фалсафӣ, психологӣ доир ба масоили таҳқиқшаванда; китобу рисолаҳои муҳаққиқоне, ки пажӯҳишашон ба соҳаи методика алоқамандии педагогиро фаро мегирад. Ҳамчунин ҳинни омӯзиши ҳамаҷонибаи мавзӯъ аз осори Имом Абӯҳанифаи Нуъмон ибни Собит, алалхусус рисолаи «Фиқҳи акбар»-и

Имом Абӯҳанифа (р), Қуръону аҳодиси набавӣ, китоби «Табйиз-ус-Саҳифа»-и Абӯфазл Ҷалолиддин Абдурраҳмон ибни Абӯбакри Суютӣ, «Абӯҳанифа ҳаётуҳу ва асруҳу»-и Алӣ Абдулфаттоҳи Мағрибӣ, «Ал-фарқ-ул-каломият-ил-исломия»-и Шайх Муҳаммад Абӯзаҳра, «Абӯҳанифа ҳаётуҳу ва асруҳу ва ороуҳу ва фиқҳуҳу»-и Муҳаммад Абӯзаҳра, «Ал-олиму ва-л-мута-ал-лим»-и Абӯлҳасан Муқотил ибни Сулаймон ибни Башири Азадии Балхӣ, «Тафсири Муқотил ибни Сулаймон»-и Абӯлҳасан Муқотил ибни Сулаймон ибни Башири Азадӣ, «Шарҳи фиқҳи акбар»-и Имом-ул-Ҳудо Абӯмансури Мотуридӣ, «Абӯҳанифаи Нуъмон»-иВаҳаб ибни Сулаймони Ғовачӣ, «Ал-Мунҷид»-и Луийс Маълуф, «Ал-Мунҷиди арабӣ ба форсӣ»-тарҷумаи Муҳаммад Бандаррегӣ, «Умдат-ул-Қорӣ шарҳи Саҳеҳи Бухорӣ»-иБадриддини Айнии Ҳанафӣ, «Таърихи Бағдод»-и Хатиби Бағдодӣ ва дигар китобҳое, ки доир ба Имоми Аъзам (р)-у мазҳаби ҳанафӣ навишта шудаанд, мавриди омӯзишу истифода қарор ёфтанд. Илова бар ин, дар диссертатсия муҳити динии Тоҷикистон, андешаву орои муҳаққиқону донишмандони ин соҳа доир ба Имом Абӯҳанифаи Нуъмон ибни Собит ва мазҳаби ҳанафӣ ба ҳайси предмети тадқиқ мавриди омӯзиш ва баррасӣ гирифта шудааст.

**Заминаи таҷрибавӣ-озмоишии тадқиқ**: Заминаҳои асосии озмоиши пажӯҳиш Донишкадаи давлатии исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам ва чаҳор муассисисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ (№....) қарор гирифтаанд.

**Давраҳои тадқиқ**. Пажӯҳиш аз соли 2012 то 2018 се мароҳили бо ҳам алоқамандро дар бар мегирад: **Марҳилаи якум (2012-2014)** – давраи ташхисӣ-муқарраркунанда аст. Дар ин давра адабиёти илмию методӣ доир ба мавзӯи тадқиқшаванда омӯхта шуда, асосҳои назариявти мавзӯъ муқаррар гардиданд. Дар ин давра моҳияти масъала, обект, фан, аҳдофи тадқиқ ва фарзияҳои тадқиқ шакл гирифта, тавъам вазифаҳои ҷузъии он мушаххас карда шуданд. **Маҳилаи дувум(2014-2016)**- марҳилаи озмоишӣ-ташкилдиҳанда ва ташаккулдиҳандаву собиткунанда аст. Дар ин марҳала ба коркарди нақшаи таълимӣ, барнома, китобҳои дарсӣ, дастуру васоиди таълимӣ ва коркарди маводи озмоишӣ бахшида шуд. Дар асоси маводи озмоишӣ ва усули ташкили он озмоиши пешакӣ гузаронида шуд. **Марҳилаи севум (2016-2018)** – давраи озмоишӣ-ҷамъбасткунанда, коркард ва мураттабу муназзам намудани маълумоти бадастомада, собит намудани хулосаҳо ва тавсияҳои асосие, ки дар раванди озмоиш тадбиққарда шуданд, бахшида шудааст. Маҳз дар ҳамин давра диссертатсия ва автореферат омода карда шуд.

**Навгонии тадқиқ**. Дар диссертатсия бори нахуст методикаи таълими рӯзгору осор ва андешаҳои Имоми Аъзам (р) ва шеваи тадриси мазҳаби ҳанафӣ таҳқиқ шуда, роҳҳои нисбатан осони шинохти ин мазҳаб ва тарзи дурусти таълими он дар зинаҳои таҳсил таъйин шудааст. Илова бар ин дар рисола бори аввал шеваи дарсгӯии Имоми Аъзам (р) дар ҳалқаи шогирдон, баҳсҳои ӯ бо донишмандони дин, алалхусус бо намояндагони мазоҳиби дигар, ҷавоб ба суолоти корафтодагон дар

масоили шаръӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба мазҳаби ҳанафӣ баррасӣ гардидаанд.

**Аҳаммияти назарии тадқиқ**. Натиҷаи тадқиқот метавонад дар навиштани китобҳои дарсӣ доир ба таърихи дини ислом, дастурҳои таълимӣ доир ба методикаи таълими мазҳаби ҳанафӣ, курсҳои назариявӣ, васоити таълимӣ барои донишҷӯёну хонандагон аз таърихи дини ислом, хондани лексияҳо, инчунин барои гузаронидани курсҳои махсус ва семинарҳо аз усули таълим ва шинохти таълимоти Имоми Аъзам (р) мавриди истифода қарор бигирад.

**Аҳаммияти амалии тадқиқ.** Диссертатсия мазкур дар шинохти мазҳаби ҳанафӣ ва методикаи таълими рӯзгору осор ва андешаҳои поягузори ин мазҳаб –Имоми Аъзам Нӯъмон ибни Собит (р)аз чанд ҷиҳат судманд аст. Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳангоми тадриси фанни «Таърихи дин», устодони донишкадаву донишгоҳҳо ҳангоми таълими фанҳои «Таърихи дин»-у «Диншиносӣ» ва алалхусус устодони мадраса ҳинни таълими ақоиди Имоми Аъзам (р) онро метавонанд ба сифати дастури таълимӣ истифода баранд. Ҳамчунин, дастовардҳои рисолаи мазкурро метавон дар раванди тарбиявии ахлоқи ҷавонон ва оммаи мардум аз нигоҳи дину мазҳаб дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои мусулмонӣ истифода кард.

**Саҳеҳият ва асоснокии натиҷаи тадқиқ**. Саҳеҳият ва натоиҷи бадастомадаро усулҳои гуногуни таълим, корбурди методҳои ба мақсад, объект, мавзӯъ ва вазифаҳои пажӯҳиш мувофиқ буда ва амсоли инҳо таъмин кардаанд. Басанда будани таҷрибаву озмоиши тӯлонӣ, тадбиқи методҳои мухталиф нисбат ба фанни тадқиқ ҷиҳати пешбурди пажӯҳиш, моҳияти оморӣ доштани натиҷаҳои таҷрибавӣ бо дарназардошти таҳияи миқдорию сифатии онҳо, ба сифати объекти таҳқиқ донишҷӯёни Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имими Аъзам интихоб шудаанд. Таълими фанни “Таърихи дин” дар чаҳори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ гузаронида шуд. Дар марҳилаҳои таҳқиқ аз муассисаҳои таълимӣ беш аз 200 донишҷӯ ва 50 омӯзгор иштирок намуданд.

**Масъалаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

1. Дар рисола методикаи таълими рӯзгору осор ва андешаҳои Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит вобаста ба зинаҳои таълим дар муассисаҳои таълимӣ таҳқиқ шудааст.
2. Ҷойгоҳи мазҳаби ҳанафӣ дар ислом ва мақоми поягузори он Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит дар ҷомеаи мусулмонон, алалхусус тоҷикон ва тарзу усули босалоҳияти таълими ақоиди ин мутафаккири бузурги ислом муайян шудааст.
3. Шеваи шинохти мазҳаби Имоми Аъзам(р) ва методикаи таълими ақоиди ӯ дар зинаҳои таълим (дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва омӯзишгоҳҳову макотиби олӣ бо назардошти синну соли хонандагон) таъйин шудааст.

4. Методика ва тарзу услуби Имоми Аъзам ҳангоми тадриси масоили илмӣ бо шогирдон муайян шуда, шеваи таълими он таъйин шудааст.
5. Услули фиқҳи Имоми Аъзам (р) дар баровардани масъалаҳои шаръӣ аз мазмуни оятҳои Қуръону ҳадисҳои набавӣ муайян шуда, шеваи таълими он таъйин шудааст;
6. Қазову фатво аз нигоҳи Имом Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит (р) муайян шуда, шеваи тадриси он таъйин гардидааст.:
7. Усули фиқҳи Имом Абӯҳанифа баррасӣ шуда, шеваи таълими он пешниҳод шудааст.

**Тасвиб ва тадбиқи амалии натиҷаҳои пажӯҳиш.** Диссертатсия дар маҷлиси муштараки шӯъбаи илм ва инноватсияи АТТ, ПРМ АТТ ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ №__ аз "10."09. 2019 ва кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти ДДОТ ба номи С.Айнӣ санаи "10"09. 2019, тибқи суратмаҷлиси №02 баррасӣ гардида, ба ҳимоя рухсат дода шудааст.

Ҷанбаҳои муҳимми тадқиқот ва моҳияту мундариҷаи он дар 3 мақолаи илмӣ дар маҷалаҳои шомил ба рӯйхати Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Дастгоҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 монография ва 5 мақола дар маҷаллаҳои дигар ба табъ расидаи муаллиф дарҷ гардидаанд.

**Сохтори диссертатсия**: Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ки ҳар як дорои фаслҳои махсусанд, хулоса ва китобнома иборат аст.

## Мундариҷаи асосии кор

Дар муқаддима аҳаммияту дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсаду вазифаҳои тадқиқ, марҷаъу шеваи пажӯҳиш, навгониҳо, арзиши назарию амалӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи рисола мушаххас гардида заминаҳои асосии мавзӯъ дар робита ба манобеи илмӣ нишон дода шудааст.

**Боби якум«Авзои сиёсию динӣ ва фарҳангии замони зиндагии Имоми Аъзам ва шеваи таълими онҳо»**унвон дошта, аз се фасл иборат аст. Дар ин боб авзои сиёсию динӣ ва фарҳангии замони зиндагии Имом Абӯҳанифа баррасӣ шуда, сабабҳои ташаккул ва ривоҷи мазҳаби ҳанафӣ дар манотиқи тоҷикнишин таъйин гардида, усули таълими онҳо пешниҳод шудааст. Ҳамчунин усулии таълими Куръону суннат дар мактабу мадориси Хуросону Мовароуннаҳри асрҳои миёна нишон дода шудааст.

**Фасли аввали боби якум, ки "Авзои сиёсию динии замони зиндагии Имоми Аъзам ва шеваи таълими онҳо**" унвон дорад.Дар ин фасл дар асоси омӯзиши дақиқи сарчашмаҳои таърихию адабӣ ва ҷуғрофии асримиёнагӣ ва асарҳои тадқиқотии донишмандони муосир вазъияти сиёсию иҷтимоӣ ва динии замони зиндагии Имоми Аъзам ва алалхусус шаҳрҳои Кӯфа ва Макка, ки бештари умри мутафаккир дар ин шаҳрҳо гузаштааст, дақиқ муайян гардида, шеваи таълими он нишон дода

шудааст.Аз ҷумла қайд гардида, ки таълими босамар ва мақсадноки замони зиндагии Имоми Аъзам заминаи мантиқие барои дарки андешаҳои ӯ муҳайё мекунад,зеро бидуни донистани вазъияти сиёсию иҷтимоӣ ва алалхусус динии поягузори мазҳаби ҳанафӣ дарк ва таълими дурусти он аз имкон берун аст.

Аз он ҷо, ки вазъияти сиёсию динии замони зиндагии Имоми Аъзам доираи васеи масъалаҳоро дарбар мегирад, роҳи беҳтари тадриси он ба тариқи обзорӣ аст. Бояд зикр кард, ки таълими мавзӯи обзорӣ имкон фароҳам меоварад, ки хонандагон доир ба авзои сиёсию иҷтимоӣ ва алалхусус динии замони зиндагии Имоми Аъзам маълумоти кофӣ ба даст оваранд. Махсусияти мавзӯи обзорӣ дар он аст, ки масоили зиёди ин ё он мароҳили сиёсӣ ва динию фарҳангиро фаро мегирад. Бинобар ин омӯзгор бояд масоили марбут ба мавзӯъ, яъне авзои сиёсию динӣ ва фарҳангии замони зиндагии мутафаккири бузургро ба таври мухтасар, фишурда амалӣ гардонад. Омӯзгор бояд мухтасар перомуни футуҳоти арабҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр, ки ватани ниёкони тоҷикон буд, маълумот диҳад. Агар баёни воқеаҳои сиёсӣ вобаста ба Имоми Аъзам ва хонандони ӯ сурат гирад, дарки масъалаҳои асосӣ барои хонандагон осонтар даст медиҳад. Зикри ин нукта, ки Имоми Аъзам ва аҳли хонадонаш аз ашрофзодагони тоҷик маҳсуб меёфтанд ва «тибқи санадҳои таърихӣ гузаштагони ӯ дар хиттаи Кобули таърихӣ ё Бомиён ва мутобиқи баъзе маълумотҳо дар Марв ё шимоли Бохтар иқомат доштанд» (2, 159), аз фоида холӣ нест. Асир афтодани бобои Абӯҳанифа –Марзбон, ки сарвари бонуфузи қавми тоҷик буд, дар оғози солҳои 60-уми асри У11 ҳангоми фатҳи Хуросон аз тарафи мусулмонон, бо хираду дониши азалӣ дар байни арабҳо ҳам эътибор ёфтани Марзбон, ба Куфа нақли макон кардани падари Имоми Аъзам – Собит, ба бозаргонӣ машғул шудану сарватманд гардидан ва дар ин шаҳр ба дунё омадани Абӯҳанифа ва дигар маълумотҳо доир ба ҳаёти пешвои мазҳаби ҳанафӣ бояд ба таври обзорӣ баён карда шаванд.

Имом Абӯҳанифа(р) 52 соли ҳаёти хешро дар замони салтанати умавиҳо ва 18 солашро дар замони ҳукуматдории аббосиҳо гузаронидааст. Яъне, Имом ду давлат ва ё ҳукумати ду гурӯҳ мусалмононро дарёфт кардааст. Дар ин ду давра бо усулу шевае, ки доштанд, мекӯшиданд бо вуҷуди нобаробариҳо оромӣ ва суботи ҷомеаро ҳифз намоянд.Дар он замон хавориҷ ва фирқаҳои манфиатхоҳи тундгаро мехостанд мардумро ба манфиатҳои худ истифода баранд. Имоми Аъзам барои пеши роҳи ин мунҳарифон ва каҷрафторонро гирифтан мазҳаби хеш, ки бо ақидаи саҳобагони гиромии Расули Худо (с) ҳамнаво буд, ташкил намуданд. Мазҳаби Имоми Аъзам ҳамчуноне ки дар замонаш барои мусалмонон дастурамале буд, ки роҳи ҳақиқати зиндагиро дар партави Қуръону суннат барояшон нишон медод, то ба имрӯз барои ҷомеаи мусалмонон роҳу равиши зиндагиро нишон медиҳад. Мазҳаби Имоми Аъзам дар гузашта барои амният ва оромии мусалмонон хизмат кардаву имрӯз ҳам ҳамин амалро иҷро мекунад.

Дар рисола доир ба вазъияти сиёсию динии аҳди уммавиён, заволи ин сулола, ба хилофат расидани аббосиён ва равияю мазҳабҳое, ки дар ин айём дар дохили дини ислом пайдо шуданд, маълумоти мухтасар дода шуда, усули таълими дурусти онҳо пешниҳод шудааст.

**Фасли дувуми боби якум «Заминаҳои динӣ ва фарҳангии пайдоишу тарвиҷи мазҳаби Имоми Аъзам ва шеваи таълими онҳо»** унвон дошта, дар он замина ва омилҳои пайдоиши мазҳаби ҳанафӣ ва сабабҳои такомули он дар кишварҳои мусулмонӣ, алалхусус манотиқи тоҷикнишин таҳқиқ шуда, шеваи таълиму тадриси он таъйин гардидааст.

Аз ҷумла зикр шуда, ки ҳангоми тадриси заминаҳои сиёсию динӣ ва фарҳангии пайдоишу тарвиҷи мазҳаби Имоми Аъзам омӯзгор бояд методеро ба кор барад, ки шогирдон ба осонӣ ва ба дурустӣ аз моҳияти масъала бохабар шаванд. Дар қадами аввал бояд дар назар дошт, ки мавзӯи мазкур ба кадом зинаи таҳсил таълим дода мешавад. Яъне, ба назар гирифтани хусусияти синнусолии шогирдон ҳатмист. Агар мавзӯи мазкур дар муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳангоми таълими “Таърихи дин” тадрис мешавад, бояд бо забони содда ва далелҳои равшан, бидуни тавзеҳи барзиёди масоили динӣ баён карда шавад. Методи нақл дар баёни мавзӯи мазкур созгор аст. Нақли муаллим бояд таъсирбахш бошад, то хонандагонро тавонад муассир созад. Дар суннати гузаштаи миллати мо воизон, ки аз санъати волои суханварӣ бархурдор буданд, ҳазорон касро аз нақлу баёни худ муассир мекарданд. Омӯзгор бояд то андозае аз ҳунари суханварӣ бархурдор бошад, хусусан дар таълими мавзӯи фавқуззикр нақли муаллим мавқеи асосӣ касб мекунад. Ҳангоми таълими мавзӯи номбурда дар мадраса ва макотиби олӣ дар нақли муаллим далелҳои мантиқӣ ва санадҳои таърихӣ бояд бештар ба кор раванд, то мавзӯъ дар сатҳи баланди илмӣ ҳаллу фасл шавад. Дар ин зинаи таълим низ методи нақл бештар бояд ба кор равад. Ҳангоми корбурди методи нақл омӯзгор бояд ба чанд нукта таваҷҷуҳ дошта бошад: а) Дар нақли омӯзгор бояд балоғату фасоҳати сухан риоя карда шавад; б) Омӯзгор мавзӯъро то ҷое нақл кунад, ки хонандагон завқи гӯш кардану фаҳмидани давоми ҳодисаву воқеаҳоро дошта бошанд. Ин ҳолат имкон медиҳад хонанда барои қонеъ намудани завқи худ давоми мавзӯъро бомулоҳиза мутолиа намояд ва муҳтавои мавзӯъ дар хотираи ӯ нақш мебандад. Танҳо бо методи нақл кор гирифтани омӯзгор хонандагонро хаста ва дилхунук мекунад. Аз ин рӯ, ҳангоми нақл баррасӣ ва қазовати мавзӯъ имкон медиҳад, ки нақли муаллим ба таҳлили мавзӯъ пайвандад. Саволу ҷавоб беҳтарин методи таҳким ва мустаҳкам кардани дониш хонандагон аз нақли мавзӯъ аст. Суолҳои промлемавии омӯзгор имкон медиҳанд мавзӯъ беҳтару хубтар аз ҷониби хонандагон қабул карда шавад.

Бояд зикр кард, ки сабабҳои бавуҷуд омадани мазҳаби ҳанафӣ ва пазируфтани он аз тарафи қисмати бештари мусулмонон, алалхусус аҳолии Мовароуннаҳру Хуросон ба чанд омил вобаста аст.Мусалмонони олам, хусусан сокинони Мовароуннаҳру Хуросон аз кашмакашиҳо ва роҳу равиши бехирадонаи ифротгароёнаи хавориҷ ва муътазилиҳо ва

дигар ақидаҳои ифротгаро ба ҷон омада буданд ва худ маълум аст, ки табиати инсонӣ оромиш ва осудаҳолиро дӯст медорад, аз ҳамин хотир мехостанд ақида ва тарзу услубу роҳуравишеро пайравӣ намоянд, ки ҷомеасоз бошад, на ифротгарову мардумозор. Мазҳаби Имоми Аъзамро мазҳаби аҳли раъй ном мебаранд, ки яке аз муқадамтарини мазҳабҳои чаҳоргонаи аҳли суннати ва-л-ҷамоат ба шумор меравад, ки поягузори он фарзандаи фарзонаи халқи тоҷик Имом Абӯҳанифаи Нуъмон (р) мебошад. Мазҳаби Имом Абӯҳанифа (р) дар зодгоҳаш Кӯфа нашунамо ёфта, баъдан дар Бағдод ба омӯхтану таълим гирифтани ин мазҳаб мардум шурӯъ карданд ва баъд аз он дар гӯшаву канори олами ислом паҳн гардид. Ибтидо дар Мисру Шом, билоди Руму Ироқ , Хуросону Мовароуннаҳр ва баъдан то ба Ҳинду Чин расид.(5, 50).Мардуми мусалмон амнияту офиятро дар ин мазҳаб пайдо намуданд ва диданд, ки қонунҳои ин шева ва тарзу услубаш барои оромиши ҷомеа ва дину ойинашон созгор асту онҳо метавонанд бо пайравӣ намудани ин мазҳаб дунё ва ҳам охирати худро обод намоянд. Ҳамин буд, ки зина ба зина ин таълимоти поки мазҳаби Имоми Аъзам (р) дар гӯшаву канори олами ислом пайравон ва ҳаводорони зиёди хешро пайдо намуд.

Ин нуктаи асосӣ, ки бояд омӯзгорон ба шогирдон таъкид кунанд, аз хидматҳои бузурги Имоми Аъзам дар ҳифз ва асолати таърихӣ ва фарҳангии халқи тоҷик аст. Бояд зикр кард, ки давраи зиндагии Имоми Аъзам ва ташаккули мазҳаби фиқҳии ӯ дар даврони ниҳоят ҳассор ба майдон омадааст. Дар он замон заминаи созгор барои ташаккули давлати миллӣ мавҷуд набуд, ҳеч як арзиши миллӣ, алалхусус тоҷикӣ ба сабабиривоҷи шовинизми арабӣ аз тарафи хилофат қабул намегардид, мазҳабу ҷараёнҳои динӣ, ки бештари онҳо созмонҳои ифротӣ ва тундарави динӣ буданд, фаъолияти густарда доштанд. Ҳокимон ва дигар аъёну ашрофи маҳаллӣ, ки дастнишони арабҳо буданд, бо ғаразҳои дунёвӣ, на исломӣ арзишҳои тамаддун ва фарҳанги хоҷагони худро пазируфта, асолати миллӣ-таърихии халқи худро фаромӯш карда буданд. Дар чунин даврони пуртаззод ва ҳассос "Имоми Аъзам забони модарии худ – забони тоҷикиро ҳамчун забони дувуми ибодати динӣ, фаъолияти фарҳангӣ ва иҷтимоӣ ҷоиз дониста, ба хотири хифзу нигаҳдошти он асосҳои шаръиро таъмин намуд" ( 2, 164).

**Фасли севуми боби якум "Масоили таълиму тарбия дар ислом ва методикаи таълими Қуръону суннат дар мактабу мадориси Мовароуннахру Хуросон"** ном дорад. Дар ин фасл ба таври мухтасармақоми таълиму тарбия дар дини ислом баррасӣ шуда, шеваи таълими Қуръону суннат дар мактаб ва мадрасаҳои асримиёнагии манотиқи тоҷикнишин, аз ҷумла Мовароуннаҳру Хуросон муайян карда шудааст. Аз ҷумла қайд гардида, ки таълиму тарбия вадонишандузӣ дар ислом аз масъалаҳои бунёдӣмаҳсуб мешавад. Баъд аз оятҳои Қуръон ҳадисҳои Расули Акрам(с) роҳнамои асосӣдар ҷодаи илм ва тарбиямусулмонон будааст. Тибқи таълимоти оятҳои қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ инсон аз оғози офариниш эҳтиёҷ ба таълиму тарбия доштааст. Омӯхтани илм ва талаб кардани дониш барои мусулмонон

азҷумлаи фарзиёт дониста шудааст. Паёмбари ислом Муҳаммади Мустафо(с) дар ҳадиси худ таъкид карда, ки «талаби илм барои ҳар як мард ва зани мусулмон фарз аст» (Сунани ибни Моҷҷа 1/172 № 224). Дар талаби илм вақту соати муайянро ҳудуд нагузоштаанд ва тақозо мешавад, ки ҳар як инсон бояд дар тамоми умраш аз талаби илму дониш барканор набошад: «Зи гаҳвора то гӯр дониш биҷӯй!», ки ба ҳайси мақоли мардумӣ шуҳрат дорад, бархоста аз мазомини ҳадиси набавист. Хулоса, таълиму тарбия **ва**фаро гирифтани дониш дар ислом аз масъалаҳои бунёдӣ буда, омӯхтани илму талаби дониш барои мусулмон фарз маҳсуб мешуд. Роиҷтарин усули таълим дар мактабҳои Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои миёна ҳамоно усули хониши механикӣ ва қориёна аз ёд кардани матн буд, ки бовуҷуди нақсу камбудҳо бартарию дастовардҳо низ дошт.

**Боби дувум«Методикаитаълими рӯзгор ва шеваи зиндагиии Абӯҳанифаи Нуъмон ибни Собит (р)»** унвон дошта, аз шаш фасл фароҳам омадааст.Дар ин боб дар асоси сарчашмаҳои дараҷаи аввал зиндагиномаи мутафаккир баррасӣ гардида, муҳимтарин лаҳзаҳои зиндагӣ, рафтору кирдор, шеваи тадрису тарбияи шогирдон, баҳсҳои илмӣ бодонишмандон мазоҳиби мухталиф, муомила бо корафтогон ва амсоли инҳо таъйин гардида, усули таълими онҳо пешниҳод шудааст. Илова бар ин “Андарзнома” ва “Васиятнома”-и Имоми Аъзам, ки бархоста аз таҷрибаи зиндагии ӯст, дар боб таҳқиқ шуда, шеваи таълими онҳо ироа гардидаанд.

**Фасли аввали боби дувум«Методикаи таълими зиндагии Имом Абӯҳанифа (р) ва муомалаи ӯ бо атрофиён ва алахусус бо ҳокимони даврон»** унвон дошта, хонандаро аз рафтори Имом Абӯҳанифа бо атрофиён огоҳ месозад. Аз ҷумла қайд гардида, ки рӯзгор ва шеваи зиндагии Имом Абӯҳанифаи Нуъмон (р) оганда аз аҳамияти тарбиявӣ буда, агар дуруст таълим дода шавад, дар камолоти маънавии шогирдон муассир хоҳад буд. Омӯзгорро лозим аст ҳангоми тадриси рӯзгори Имоми Аъзам (р) лаҳзаҳои ибратбахши зиндагии Имомро ёдовар шавад, ки дорои аҳамияти тарбиявист. Аз ҷумлаи масоили муҳими таълими рӯзгори Имоми Аъзам, ки дар рисола матраҳ мешавад, шеваи таълимизиндагии рӯзмарраи Имом Абӯанифа (р) ва муомалаи ӯ бо атрофиён: мардуми авом, баъзе бадхоҳон ва алалхусус ҳокимони замон мебошад. Такя ба далоили таърихӣ, ки аз зиндагии мутафаккири бузург ҳикоят кардаанд, Имом Абӯҳанифа дар зиндагӣ ва муомала бо атрофиён тарзу услуби хоссаи хешро доштанд. Ҳамеша мекӯшиданд коре барои ҷомеаи мусалмонон анҷом дода бошанд. Аз ҳамин ҷиҳат доим дар такопӯи масоилу ҳалли мушкилоти мусалмонон будаанд.

Шеваи зиндагииИмом Абӯҳанифа (р) намунаи олии Инсони Комил аст, ки хонандагонро дар рӯҳияи худшиносӣ ва худошиносӣ тарбият намуда, онҳоро ба роҳи рост ҳидоят мекунад, то саодати дуҷаҳониро ба даст оваранд. Ҳокимони замон, чи умавиён ва чи аббосиён мехостанд донишу шуҳрати Имомро барои таҳкими давлаташон истифода баранд. Зайд ибни Умар ибни Ҳубайра - волии

Кӯфа аз Имом Абӯҳанифа (р) талаб кард, ки қалами фатво ва муҳрро қабул кунад ва ҳар амру фармоне дар мамлакат ҷорӣ мегардад, ба фатвои ӯ содир шавад. Имом Абӯҳанифа (р) ба воли Кӯфа ҷавоби рад доданд, волӣ дар ғазаб шуда фармон дод, то ӯро ба зиндон афкананд ва шаллоқе бизананд. Нӯкарони волӣ Имом Абӯҳанифа (р)-ро зиндонӣ карда,ҳар рӯз чанд шаллоқе ӯро мезаданд. Имом (р) ҳамчунон дар қавлаш боқӣ монд ва бо ҳокимоне, ки мехостанд исломро ба манфиати худ истифода баранд,ҳамкорӣ накард.

Имом Абӯҳанифа (р) баъди раҳо шуданаш аз зиндону зулму ситами умавиҳо, соли 130 ҳ. ба МаккаиМукаррама фирор кард ва то замони ба дасти аббосиҳо гузаштани хилофат дар ин шаҳр сукунат дошт.Дар замони хилофати Абӯҷаъфари Мансур Имом ба Кӯфа баргаштанд. Имоми мусулмонон гумон мекард, ки ин амакзодагони Пайғомбари гиромии Ислом (с) дар кору бори ҳукуматдорӣ аз роҳу равиши Расули Худо (с) кор мегиранду дар корҳои давлатдорӣ адолат мекунанд, аммо мутаассифона, зулму истибдоди аббосиҳо аз зулму бедодгарии умавиҳо камтар набуд. Абӯҷаъфари Мансур - халифаи аббосӣ Имом Абӯҳанифа(р)-ро ба мансаби қозигӣ даъват намуд, аммо ҷавоби рад гирифт. Халифафармуд ӯроҳабс карданд. Мансур амр карда буд, ки ӯро бо зарби тозиёна маҷбур кунанд, то мансаби қозигиро қабул кунад. Имом Абӯҳанифа (р) бо ҳеч ваҷҳ нахостанд бо хулафое, ки роҳу равиши Пайғамбарро нодида мегиранд, ҳамкорӣ кунанд. Мансур аз ғазаби мардум тарсида, Имомро озод кард, аммо аз фатво додан, бо мардум нишастан ва аз хонааш берун баромадан манъфармуд.

Масъалаи муҳими дигаре, ки дар зиндагии пешвои мазҳаб борҳо иттифоқ афтодааст, дар баробари халифаву волиёнии онҳо гуфтани сухани ҳақ аст, новобаста аз раъю хоҳиши зимомдорони давр. Омӯзгор, алалхусус муаллимони мадраса, ки ба донишҷӯён мактаби фиқҳи ҳанафиро дарс мегӯяд, бояд шеваи зиндагии Имомро бо такя ба Қуръону суннат ва рукнҳои асосии мактаби бунёдниҳодаи ӯ таълим диҳанд, то ҳақиқати зиндагии Имоми Аъзам ба дурустӣ равшан шавад. Дар ин фасл ҳамчунин аз фатвои Имом Абӯҳанифа нисбат ба куштан ва ё рехтани хуни инсон сухан меравад. Баъзе воқеъаҳо дар замони зиндагии Имом иттифоқ афтода, ки ақидаи Имом Абӯҳанифа(р)-ро нисбат ба Абӯҷаъфари Мансур ва ҳукуматдоронаш равшан месозад, аз ҷумла Аҳли Мусил, ки яке аз шаҳрҳои Ироқ аст, аҳду паймонашонро бо халифаи аббосӣ - Абӯҷаъфари Мансур шикастанд. Абӯҷаъфари Мансур фуқаҳо ва донишмандонро даъват намуд, ки дар байни онҳо Имом Абӯҳанифа (р) низ буданд, аз онҳо хост то фатво диҳанд, ки рехтани хуни аҳли Мусулро барои ӯ мубоҳ аст. Имом Абӯҳанифа бо далоили шаръи собит карданд, ки рехтани хуни мусулмонон ба ҳес ваҷҳ ҳалол нест.(Муснад-ул-ҷомеъ-и Абӯлфазл Сайид Абӯлмаъотии Нурӣ. 29/226 № 90709.

**Фасли дувуми боби дувум «Методика ва шеваи таълими «Васиятнома»-и Имоми Аъзам (р)»**унвон дорад. «Васиятнома»-е, ки Имом Абӯҳанифа барои шогирдон ва ҳамнишинони хеш ироа карда,

дорои аҳаммияти бузурги ахлоқию тарбиявӣ буда, методикаи таълими босамари он дар камолоти шахсияти маънавии шогирдон муассир хоҳад буд.Дар ин фасл ин «Васиятнома» баррасӣ шуда, методикаи таълими он пешниҳод шудааст. Он аз дувозаҳ фасл иборат буда, то ба имрӯз дастурамали олимони ин мазҳаб гардидааст. Дар рисола ҳар як фасли «Васиятнома» матраҳ шуда, шеваи таълими намунаҳое аз онҳо таъйин шудааст. Аз ҷумла дар фасли аввали«Васиятнома» омада, ки «**имон - иқрор кардани ба забон ва тасдиқ кардани ба дил аст»**. Омӯзгор бояд ба шогирдон талқин кунад, ки танҳо иқрор кардани ба забон имон комил намегардад. Имом Абӯҳанифа барои исботи ин гуфтаҳояш аз Қуръону ҳадисҳои набавӣ (с) далелҳои равшане оварда, ки дар рисола батафсил баён шудаанд.Дар таълими «Васиятнома» беҳтарин усули таълим методи суолу ҷавоб аст.Омӯзгор бо иштироки фаъоли шогирдон ҳар як масъалаи матраҳшударо дар «Васиятнома» бояд ба дурустӣ мухоқима кунанд ва хулоса баронанд. Суолҳои промлемавӣ имкон фароҳам меоварад, то масъалаҳо амиқ равшан шаванд. Ба ҳамин минвол дувозаҳ фасли «Васиятнома»-и Имоми Аъзам (р) баррасӣ шуда, методикаи тадриси он ироа шуда, ки ҳар як фасл бо далелҳои равшан хонандаро ба рукунҳои дини мубини ислом аз нигоҳи усули мазҳаби Имоми Аъзам (р) ошно мегардонад.

**Фасли севуми боби дувум «Методикаи тадриси Имом Абӯҳанифа (р) дар тарбияти шогирдон»**унвон дошта, дар ин фаслшева ва тарзу услуби Имоми Аъзам (р) дар тарбияти шогирдон ва пайравонаш таҳқиқ шуда, ки то кунун дорои аҳаммияти илмӣ ва тарбиявист.Аз ҷумла зикр шуда, ки омӯхтани шеваи таълими Имоми Аъзам ва муносибати ӯ бо шогирдон ва дар амал тадбиқ намудани он барои донишмандону муаллимони кишвар, чи дар мактабҳо ва чи омӯзишгоҳҳову макотиби олӣ аҳаммияти бузурги ахлоқию тарбиявӣ дорад. Ин шеваи таълим ва тарзи муносибат бо шогирдон намунаи олии муаллим – тарбиятгар будан аст.Агаромӯзгорони мо ин шева ва тарзу услуби таълимро ба тарзи дуруст дар макотибу донишгоҳҳо роҳандозӣ кунанд,ҷавонони мо метавонанд мазҳаби ҳанафиро ба дурустӣ бишиносанд ва роҳи дурусти зиндагиро интихоб намоянд. Имом Абӯҳанифа(р), пеш аз ҳама, шогирдонашро баробари фарзанди ягонаи хеш Ҳаммод дӯст медошт ва онҳоро ҳамчун фарзанд таълим медод.

Дар ин фасл аз ҷумла зикр шуда, ки Имоми Аъзам шева ва тарзу услуби таълими худро аз Пайғомбари гиромии ислом (с) омӯхта, ки пешво ва муаллими башарият бо асҳобу атрофиёнаш чунин муносибат ва рафторе доштанд, ки шогирдон ва ҳамсуҳбатонаш ӯро аз ҷонашон бештар дӯст медоштанд. Имом Абӯҳанифа (р) чи дар зиндагӣ ва чи дар таълиму тадрис ба рафтору кирдор ва амали пайғамбарро сармашқи худ қарор дода буданд.ШогирдонИмомро низ дӯст медоштанд ва ҳарчанд олиму донишманд гардиданду метавонистанд мазҳаби хоссаи худро дошта бошанд, аммо ба хотири эҳтироми устод аз мазҳабу тарзу услуб ва роҳу равиши ӯ набаромаданд, балки мазҳаби ӯро ривоҷу равнақ бахшиданд.

Ҳамчунин дар ин фасл бо такя ба сарчашмаҳо доир ба шогирдони Имоми Аъзам (р) сухан рафта, шеваи таълими андешаҳои онҳо дар муқоиса ба ақоиди устодашон пешниҳод шудааст. Аз ҷумла қайд шуда, ки Солеҳӣ дар боби панҷуми китобаш баъзе он бузургону донишмандоне, ки аз кишварҳои гуногун дар назди Имом Абӯҳанифа (р) таҳсили илм намудаанд, ёдовар шуда, адади онҳоро ба ҳашсад нафар мегӯяд (3,67).Илова бар ин дар ин фасл дар асоси сарчашмаҳои дараҷаи аввал васияти Имоми Аъзам (р) ба шогирдон, ки шеваи илмомӯзӣ ва амали ӯро дар мавриди фатво ва ҳукм шаръӣ ифода мекунад, матраҳ гардидааст. Аз ҷумла ривоятиИмом Заҳабӣ дар мавриди шогирдони Имоми Аъзам, ки аз Ҳасан ибни Зиёд ривоят мекунад ва Зиёд он ривоятро аз Абӯюсуф шунидааст, ки хеле муассир аст. (13,17).

Омӯзгор бояд аз ин васияти Имоми Аъзам (р) натиҷагирӣ кунад ва шеваи зиндагии марди мӯъминро, ки пешвои мазҳаби ҳанафӣ ба шогирдон талқин намудааст, равшан созад. Бояд аз ҳар васияти матраҳшаванда шогирдон натиҷагирӣ кунанд. Ин кор ҳамон вақт амалӣ шуда метавонад, ки методи суолу ҷавоб ба кор равад ва суолҳои пешниҳодшаванда бояд проблемавӣ бошанд. Масалан, аз васияте, ки дар мавриди тариқи зиндагии марди мӯъмин ироа шудааст, чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст:Шеваи зиндагии марди мӯъмину мусулмон дар ҳалол хӯрдану ҳалол зистан аст. Хоса марде, ки ба мансаби баланд мерасад, бояд ҳар амалу рафтор ва гуфтору кирдораш ҷавобгӯи талаботи шариати муҳаммадӣ бошад. Марди мансабдор агар айбе дар худ мебинад, ки мардум онро намебинанд, бояд аз мансаб канорагирӣ кунад, то ба гуноҳ олуда нагардад.

**Фасли чаҳоруми боби дувум “ Методикаи таълими рӯзгору осор ва андешаҳои шогирдони Имоми Аъзам (р)”** ном дорад. Дар ин фасл доир ба шогирдони бовафои Имом Абӯҳанифа, кибаъд аз марги ӯ мазҳаби ӯро равнақ доданду шеваи зиндагии пешвои мазҳаби таҳаммулгароро сармашқи зиндагии худ қарор додаанд, сухан меравад ва методикаи таълими андешаҳои онҳо доир ба масоили гуногун пешниҳод шудааст. Аз ҷумла дар рисола омада, ки яке аз шогирдони Имом Абӯҳанифа Абӯюсуф ном мардии камбағале буд, ки Имоми Аъзамҳармоҳ сад динор барояш идрорпулӣ медод, то аз дарсҳояш қафо намонад. Аз файзи суҳбати Имом Абӯҳанифа ва ҷаҳду талоши худ дар ҷодаи илм ин ҷавонмарди камбағал дар илм ба мақоми баланд мерасад, ки аксари донишмандони замонаш ба ӯ баҳои баланд додаанд. Ҳамчунин дар ин фасл доир ба таснифоти Имом Абӯюсуф маълумот дода шуда, методикаи таълими асарҳои ӯ пешниҳод шудааст. Баррасии рӯзгору осор ва андешаҳои шогирдони Имом Абӯҳанифа моро ба ин чунин натиҷа расонд:Шеваи таълиму тарбияти Имом Абӯҳанифа (р) тарзе ба роҳ монда шуда, ки аз мактаби ӯ шогирдони зиёде баромадаанд ва осору ақоиди эшон то ба имрӯз дархури ҷомеаи мусалмонист. Шогирдони мактаби Имоми Аъзам аслан ҳамон шеваи таълими устоди худро идома ва такмил додаанд.

Аз шогирдони дигари Имом Абӯҳанифа, ки баъд аз марги устодаш мазҳаби ҳанафиро дар Ироқ густариш додааст,Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ мебошад, ки дар ин фасл доир ба рӯзгору осор ва методикаи таълими андешаҳои мазҳабии ӯ сухан рафтааст. Аз ҷумла зикр шуда, ки аксари донишмандони дини ислом, аз ҷумла Имом Шофеӣ – поягузори мазҳаби ашъарӣ ба ин шогирди Имом Абӯҳанифа баҳои баланд додаанд. Китобҳои таснифкардаи Шайбонӣ, аз ҷумла "Зоҳир-ур-ривоят"(шаш китоб)-и ӯро хулосаи мазҳаби Имоми Аъзам медонанд, ки усули таълими мазҳаби ҳанафиянд.Қайд кардан ба маврид аст, ки баъд аз олам гузаштани қозиюлқуззот Имом Абӯюсуф (р) халифаи аббосӣ - Ҳорунаррашид Имом Муҳаммадро ба ҷои вай таъин намуд. Ин ду шогирди донишманди Имоми Аъзам мазҳаби ҳанафӣ ва шеваи таълимии Имом Абӯҳанифаро моҳирона роҳандозӣ карданд, ки аз ин мактаб шогирдони зиёде ба камол расиданд.Ҳамчунин дар ин фасл аз шогирди дигари Имом Абӯҳанифа Имом Зуфар сухан меравад, ки баъд аз марги Имоми Аъзам шогирдон бо як овоз ӯро ҷонишини устодашон интихоб мекунанд.

Ҳангоми баррасии мавзӯи "Методикаи таълими рӯзгор ва осори шогирдони Имоми Аъзам" муаллим метавонад илова бар методҳои лексия ва нақл аз методи суҳбат истифода барад. Бино ба қавли методист С. Шербоев, "суҳбат чун усули таълим аз нақли муаллим бо чунин хусусияташ фарқ мекунад, ки агар ҳангоми нақли муаллим хонандагон танҳо шунавандаи фаъол бошанд, дар ҷараёни аз методи суҳбат (суолу ҷавоб) ташкил намудани лаҳзаҳои дарс, аз ҷумла дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав дар баробари муаллим хонандагон ҳам дар ҳалли ҳодисаҳои забон ширкат варзида, бо ҷавобҳои худ ва баъзан баёни фикрҳои мустақили худ саҳм мегузоранд" (15, 54). Ҳангоми корбурди методи суҳбат ташкил кардани суолу ҷавоб, ки ба моҳияти мавзӯъ дахл дошта бошад, имкон фароҳам меоварад, ки масъалаҳо хубтару беҳтар ҳал гарданд. Ҳангоми истифодаи методи суҳбат омӯзгор бояд ба мазмун ва тартиби он диққат диҳад. Ҳар як суоли пешниҳодшуда бояд ҳадаферо дар дунбол дошта бошад ва шогирдонро ба андеша водорад. Аз ривоятҳое, ки дар бораи шогирдони Имом Абӯҳанифа овардаем, омӯзгор метавонад чандин суолҳо омода кунад.

**Фасли панҷуми боби дувум «Андарзнома"-и Имом Абӯҳанифаи Нуъмон ибни Собит (р) ва шеваи таълими он»**унвон дорад.Дар ин фасл панду андарзҳои Имом Абӯҳанифа (р) мавриди таҳқиқ қарор гирифта, шеваи таълими нисбатан созгори онпешниҳод шудааст.Панду андарзҳои Имом Абӯҳанифа аз муҳимтарин андарзҳои фарҳанги адаби форсии тоҷикист, ки баъдан дар адабиёти классикии мо мавриди истиқбол қарор гирифт ва шуарои бузург монанди Шайх Аттор, Саъдии Шерозӣ аз он пайравӣ кардаанд. Имом Абӯҳанифа (р) дар инандарзҳо шогирдон ва пайравони хешро ба сӯйи инсони комил будан ҳидоят мекунад. Агар устодон аз ин андарзномаи пешвои мазҳабамон бо шева ва услуби ӯ истифода кунанд, хатман комёб хоханд гардид.

Дар ин фасл мавзӯю муҳтаво ва аҳаммияти амалии чанде аз инпанду андарзи пешвои мазҳаби ҳанафӣ баррасӣ шуда, шеваи осони таълими он ба шогирдон ироа шудааст.Аз ҷумла Имоми Аъзам (р) фармуданд: «**Чун дар садади кардани коре бошӣ, пас онро бо итминон ва виқори комил анҷом бидеҳ**». Имоми Аъзам моро насиҳат мекунад, ки ҳаргиз дар анҷом додани кори хайр ба худ дудилагиро роҳ мадеҳ. Бо виқору сарбаландӣ ва итминони хотир дар анҷом додани амали хайр иқдом кун.Воқеан, итминони хотир дар кори хайр сифати инсонҳои накӯкору бурдбор аст.Омӯзгор бояд моҳияти андарзро ба шогирдон равшан созад, то дар умқи хотири онон нақш ёбад. Муносибати босалоҳият ба таълим тақозо мекунад, ки хонандагон дониши андӯхтаашонро дар амал тадбиқ созанд. Вақте андарз дар умқи тафаккури хонанда ҷо мегирад ва ба дурустии он имон меоварад, ҳатман дар зиндагӣ аз он кор мегирад, яъне дар амал тадбиқ месозад. Дар зиндагии навҷавон корбаст шудани ин андарз ӯро дар ҳама кор комёб мегардонад.

Намунаи дигар аз андарзҳои Имоми Аъзам (р): «**Агар аз ҳамсоя кори нодурустеро бинӣ, айби ӯро ошкор макун, бо ин корат вай бар ту эътимоду боварияш зиёд мегардад**». Сирри мардонро пӯшидан аз нишонаи ҷавонмардист ва алалхусус сирри ҳамсоя, ки баҳаққи Худо баробар аст. Аз ин андарзи Имоми Аъзам(р) шуарои зиёдеилҳом гирифтаанд.

Имоми мазҳабамон Абӯҳанифаи Нуъмон (р) низ моро ба пӯшидану нигоҳ доштан асрори якдигарӣ мехонад, ки ин рафтори мардум дӯстиву рафоқатро дар ҷомеаи мусалмонон ба бор хоҳад овард. Муаллим бояд ҳангоми таълими ин андарзҳо аз методи сухбат истифода барад ва андарзҳоро вобаста ба рӯзгори шогирдон матраҳ кунад. Бояд шогирдон ҳангоми баррасии андарзҳо фаъол бошанд, зеро яке аз унсурҳои асосии муносибати босалоҳият ба таълим хонандамеҳварист.

**Фасли шашуми боби дувум «Шеваи мунозираҳои Имом Абӯҳанифаи Нуъмон ибни Собит (р) бо уламо ва донишмандони замонаш ва методикаи таълими онҳо».**Дар ин фасл шеваи мунозираи Имом Абӯҳанифа (р) бо донишмандони замонаш таҳқиқ шуда, методикаи таълими он пешниҳод шудааст. Аз ҷумла зикр шуда, ки Имом Абӯҳанифа дар баҳсу мунозираҳо шеваи хосе доштанд. Имом ба ҳамсуҳбаташон эҳтиром қоил буданд ва мақсадашонро ба шахси муқобил тарзе иброз медоштанд, ки ӯ наранҷад ва ё ба иззати нафсаш нарасад. Эҳтиром қоил будан ба ҳамсуҳбат шарти аввали мунозира аст, ки Имом ба шогирдон талқин менамуданд, зеро низоъ аз беэҳтиромӣ ба ҳамсуҳбат сар мезанад.Мунозираи Имом Абӯҳанифа ва Имом Авзоъиро намунае аз шеваи мунозираи пешвои мазҳаби ҳанафист.«Сулаймони Шозкунӣ гуфт: Шунидам Суфён ибни Уяйнаро, ки мегуфт: Имом Абӯҳанифа бо Имом Авзоъӣ дар Маккаи мукаррама дар дори ҳаннотин бо ҳам нишаста буданд. Имом Авзоъӣ аз Имом Абӯҳанифа пурсид, ки чаро шумо ҳангоми ба рукуъ рафтан дар намоз дастонатонро ба гӯш намебардоред? Имом Абӯҳанифа (р) гуфтанд: Ба он хотир, ки дар ин маврид аз Расули Худо (с) ҳадиси саҳеҳе ворид нагардидааст. Имом Авзоъӣ (р) фармуданд: Чӣ гуна мегӯӣ, ки ҳадиси саҳеҳе дар ин маврид

собит нагардидааст? Дар ҳолеки Заҳрӣ аз Солим,Солим,аз падараш Абдуллоҳ ибни Умар (р) ва ӯ аз Расули Худо (с) ривоят мекарданд, ки Пайғомбари Худо (с) ҳангоми ифтитоҳи намоз дастонашонро мебардоштанд ва ҳангоми ба рукуъ рафтану аз рукуъ баргаштан низ ин корро такрор мекарданд. Имом Абӯҳанифа (р) дар ҷавоб гуфтанд: Ҳаммод аз Иброҳим ва аз Алқама ва Асвад ва аз Абдуллоҳ ибни Масъуд ривоят мекунад, ки Расули Худо (с) фақат дар ибтидои шурӯъи намоз дастони муборакашонро мебардошанду бас, дигар бора дар дохили намоз ин корашонро такрор намекарданд. Имом Авзоъӣ гуфт: Ман аз Заҳрию Солим ва Абдуллоҳ ибни Умар (рз) аз Расули Худо (с) сухан мегӯем, ту бошӣ аз Ҳаммоду Иброҳим сухан мегӯӣ. Имом Абӯҳанифа (р) гуфтанд: Ҳаммод аз Заҳрӣ ва Иброҳим аз Солим олиму донишмандтаранд. Абдуллоҳ ибни Умар фазилати суҳбати Расули Худо (с) ро дорад, аммо Алқама дар илми фиқҳ аз ӯ камтар нест. Асвад низ дар илм фазилати волоеро касб кардааст ва Абдуллоҳ ибни Масъуд саҳобаи машҳури Расули Худо (с) мебошад, ки доир ба фазилату маконаташ дар илм ҷойи баҳсу суҳбат нест. Имом Авзоъӣ дар баробари ин фаҳму дирояти Имом Абӯҳанифа (р) хомӯш монданд ва дигар чизе нагуфтанд» (13,384).

Дар ин фасл дар бораи мунозираҳои Имом Абӯҳанифа бо уламои замонаш дар мавридҳои гуногун сухан рафтааст, ки донистанашон барои устодон ва шогирдон аз фоида холӣ нест. Муҳимтарин методи таълими мунозираҳои Имоми Аъзам методи мубоҳиса аст. Методи мубоҳиса имкон медиҳад, ки шогирдон дар бархурди афкору ақоиди мухталиф перомуни масоили мухталифи шаръӣ ва қиёси назарҳои гуногун ба фикру андешаи худ эътимод ҳосил кунанд ва боварӣ ба ақоиди хеш дошта бошанд.

**Боби севум: «Методикаи таълими ақоиди мазҳаби Имоми Аъзам (р)»**унвон дошта, дар он ақоиди мазҳаби Имом Аъзам (р) мавриди баррасӣ қарор гирифта, шева ва тарзу усули таълими он пешниҳод шудааст.

Фасли якуми боби севум **«Таснифоти Имоми Аъзам Абӯҳанифаи Нуъмон ибни Собит (р)дарилмикалом ва шеваи таълими онҳо»** ном дорад.Дар ин фасл осори мутафаккир доир ба илми калом муайян гардида, шеваи таълими онҳо ироа шудааст. Аз ҷумла қайд гардида , ки бино ба таъкиди таърихнигорон, Имом Абӯҳанифа (р) дар илми калом рисолаҳои «Ал-Фиқҳ-ул-акбар», «Ал-Фиқҳ-ул-абсат», «Ал-Олим –вал- мутааллим», «Ар-Рисола»( барои Муқотил ибни Сулаймони муфассир) ва «Ар-рисола» (барои фақеҳи Басра Албаттӣ) навишта буд. Ҳамчунин рисолаи «Ал-Васийят»-ро барои шогирдон ва ҳамсуҳбатонаш навишта буданд.

«Фиқҳи акбар» рисолаи хурд, аммо бо маънонии дақик аст, ки то ба имрӯз таваҷуҳи олимон ва донишмандонро ба худ ҷалб кардааст.Бино ба ривояти Ҳаммод ибни Абӯҳанифа (р), Мулло АлииҚорӣ (р) бар ин китоб шарҳи муфассале навиштааст, ки имрӯз ҳам донишҷуёну толибилмон аз он истифода мекунанд.Ба ривояти Абӯлмутеи Балхӣ ба рисолаи «Фиқҳи абсат» Абӯлайси Самарқандӣ шарҳу эзоҳ навиштааст.Ҳамчунин Ато

ибни Алии Ҷурҷонӣ ва донишмандони мазҳабҳои дигари аҳли суннат ба ин ду рисолаи Имоми Аъзам (р) шарҳу эзоҳҳо навиштаанд.Пайравони мазҳаби Имоми Аъзам (р) метавонанд дар ҳалли масоили шаръӣ аз ин ду рисола истифода барандва ақидаву андашаҳои шаръии худро мувофиқ ба ақидаи аҳли суннати вал ҷамоат росту дуруст гардонанд. Рисолаи «Фиқҳи Абсат», ки бо ривояти яке аз шогирдони Имом-Абӯмутеъ Ҳакам ибни Абдуллоҳи Балхӣ навишта шудааст, доир ба мавзӯи ақида мебошад.

Азбаски рисола «Фиқҳи абсат» ҷавобҳои Имом Абӯҳанифа ба суолҳои шогирдаш Абӯмутеъ рӯйи коғаз омадааст, беҳтарин шеваи таълими он методи суҳбат мебошад. Омӯзгор ҳангоми таълими ин рисола ва ҳамчунин дар равшан намудани андешаҳои каломии Имоми Аъзам методи суҳбатро ба кор бурда, масъалаҳоро ба тариқи суолу ҷавоб бо шогирдон матраҳ кунад, дарки масъала осон ба даст меояд. Дар ин рисола баъзе масоили ақидати Имом Абӯҳанифа (р) муфассал ба шогирдаш Абӯмутеъ баёншудааст. Имом Абӯҳанифа саъй намудааст бо далоили илмӣ, такя ба Қуръону суннат шогирди хеш Абӯмутеъро қонеъ гардонад.Бинобарин «Фиқҳи абсат» як рисолаи возеҳу равшан ва муфассал дар масоили каломия буда, барои донишҷӯёну толибилмон дар шинохти андешаҳои каломии пешвои мазҳаби ҳанафӣ муфид аст.

Дар **фасли дувуми боби севум**, ки**«Шеваи омӯзиш ва методикаи таълими андешаи ақидатии Имом Абӯҳанифа (р)» унвон дорад,** андешаҳои ақидатии Имоми Аъзам доир ба масоили шариату имон, алалхусус масъалаи шинохти Худованд мавриди таҳқиқ қарор гирифта, шеваи тадриси босалоҳияти он пешниҳод шудааст. Аз ҷумла зикр шуда, ки ба андешаи Имом Абӯҳанифа (р) «шинохтани Худованд бо ақлу заковат воҷиб аст». Яъне, аз он ҷо киХудованд ба инсон ақлу заковат додааст, пас барои ӯ воҷиб аст, ки бо ақли худододааш Холиқи хешро бишиносад ва ба Ӯ имон оварад. Омӯзгор бояд ақидаи Имоми Аъзамро ба самъи шогирдон бирасонад, ки Худоро бо ақл мешиносанд ва бодил ба Ӯ имон меоваранд.

Вобаста ба шинохти Офаридгор дар ин фасл сифатҳои Худованд аз нигоҳи Имом Абӯҳанифа (р)баррасӣ шуда, шеваи таълими шинохти ваҳдоният, яккаву ягонагӣ ва поку муназаҳ будани зоти ақдаси Илоҳӣ аз шарику анбоз пешниҳод шудааст. Имом Абӯҳанифа (р) дар рисолаҳои хеш бо далелҳои қуръонӣ исбот мекунанд, ки Худованд шарику анбоз надорад ва аз зану фарзанд поку муназаҳ аст.

Омӯзгор ҳангоми таълими мавзӯишинохти Худованд аз нигоҳи Имоми Аъзам бояд аз методи проблемавӣ кор гирад. Яъне,омӯзгорсаволҳое пешниҳод кунад, ки хусусияти проблемавӣ дошта бошанд ва шогирдонро ба фикр кардан водор кунанд. Ба тариқи намуна метавон чунин суол гузошт: Агар Худованд пайғамбару китобе намефиристон ва инсон дар болои кӯҳе мезисту ба ҷуз осмону ситорагон ва таллу теппа чизеро намедид, чӣ тавр Холиқи худро мешинохт?

Дар масъалаи шинохти сифатҳои Худованд омӯзгор илова ба методи проблемавӣ метавонад аз зиндагии Пағамбар (с) мисолҳо

биоварад, ки пешвои мазҳаби ҳанафӣ дар осораш ёд кардааст. Дар ин масъала омӯзгор метавонад таърихи нозил шудани Сураи «Ихлос»-ро барои шогирдон баён кунад: «Ҷамъе аз мушрикон назди Расули Худо (с) омаданд ва гуфтанд: Эй Муҳаммад, Худоятро барои мо васф кун…» (10, 345).

**Фасли севуми боби севум «Услуби фиқҳи Имом Абӯҳанифаи Нуъмон ибни Собит (р) ва шеваи омӯзишу таълими усули мазҳаби ӯ»** ном дорад. Дар ин фасл зарурати омӯхтани илми фиқҳ ва нақши он дар ҳалли мушкилоти динии пайравони мазҳаби ҳанафӣ бо далоили илмӣ собит шуда, шеваи босалоҳияти тадриси он пешниҳод шудааст.

Устодони муассисаҳои таълимӣ бояд хуб бидонанд, ки илми фиқҳ дар масоли рӯзмараи мардуми кишвар бисёр муҳим ва нақши калидӣ дорад, зеро мушкилоти динии мардуми мусалмони кишварро мо аз роҳи донистани илми фиқҳ бо тарзу услуби Имоми Аъзам (р) метавонем ҳал намоем. Барои донистан ва ё омӯхтани ин шева ва тарзу услуб моро лозим аст, ки аввал усул ва сарчашмаи ин мазҳабро биомӯзем, ки Имоми Аъзам (р) аз кадом сарчашмаҳо фиқҳи мазҳаби хешро поягузорӣ кардааст. Аз Имом Абӯҳанифа (р) ривоят аст, ки мегӯяд: «Ман масоилро аз Қуръон мегирам ва агар дар Қуръон пайдо накардам, ба суннати Расули Худо (с) амал мекунам. Агар он масъаларо на дар Қуръон ва на дар суннат пайдо накардам, ба қавли саҳоба амал мекунам ва кадом сухане аз саҳобагон дар назарам мувофиқ омад, ҳамонро мегирам ва боқиро мегузорам» (13, 133). Саҳл ибни Музоҳим мегӯяд: «Каломи Имом Абӯҳанифа (р) гирифтан ва амал кардан аст ба қавли муътамад ва гурехтан аст аз суханони ракику беасар»(13,131).

Имом Абӯҳанифа дар амрҳо баъзе корҳоро бо қиёс фатво медод ва агар бо қиёс қазия ҳалли хешро пайдо намекард, ба истиҳсон руҷуъ мекарданд. Агар бо истиҳсон мувофиқ намеомад, ба амалкарди мусалмонон назар карда, фатвои он масъаларо содир менамуданд.Яъне, одати шарифи эшон ҳамин буд, ки баъди Қуръон бо ҳадисе амал мекарданд, ки уламо ва фуқаҳо бар сиҳаташ иттифоқи назар доранд. Баъдан бо қиёсу истиҳсон масъаларо барои корафтодагон ҳал менамуданд. Хулоса фиқҳ назди Имом Абӯҳанифа (р) ин Қуръони карим асту суннати набавии шариф ва иҷмоъу қиёс ва истиҳсон ва урфу одати мусалмонҳо.

Ҳангоми таълими усули фиқҳи Имом Абӯҳанифа беҳтар аст омӯзгор сараввал бо методи нақл оғоз кунад, зеро дар баёни мавзӯи нав нақли муаллим, алалхусус барои мавзӯъҳои ҳаҷман бузург ва аз ҷиҳати назариявӣ нисбатан душвор созгортар аст. Аммо методи нақл ҳангоми баёни масъалаи фиқҳӣ набояд аз 25-30 дақиқа зиёд бошад. Омӯзгор баъд аз нақли нуктаҳои асосии усули ҳанафӣ ҳам дар дарси додани дониши нав ва ҳам дар дарси мустаҳкамкунии дониш метавонад аз методи суҳбат истифода барад. Ба фикри мо, муҳимтарин метод барои таълими усули фиқҳ методи суҳбат ё худ суолу ҷавоб мебошад. Методи суҳбат имкон медиҳад, ки шогирдон бештар ба мавзӯъ диққат диҳанд ва масоили барояшон норавшанро ба тариқи суолу ҷавоб бо омӯзгор

мушаххас гардонанд. Дар таълими усули фиқҳ аз ду намуди методи суҳбат: суҳбати маълумотдиҳанда ва бахотироваранда истифода бурдан мувофиқи мақсад аст.
Яке аз рукнҳои фиқҳи Имоми Аъзам**пайравӣ намудан аз суннати Пайғомбари гиромии ислом (с)**аст, ки **баъд аз Қуръон** дувумин сарчашма ба шумор меравад. Омӯзгор бояд мақоми аҳодиси набавӣ ва суннатҳои пайғамбарро дар ҷаҳони ислом ва шеваи баҳрабардории пешвои мазҳаби ҳанафиро бо далоил собит кунад, то шогирдон ба усули фиқҳи ҳанафӣ ба дурусти огоҳ шаванд. Дар таълими ин масъала методи нақл бештар мувофиқ аст. Омӯзгор метавонад ривояти зерро аз рӯзгори Пайғамбар (с) ба шогирдон нақл кунад, то тавонад ҷойгоҳи ҳадисҳои Пайғомбари Худо (с), ки дувумин масдаре аз масдарҳои шариат аст, равшан намояд:«Вақте Пайғомбар (с) Маъоз(рз)-ро ба Яман, ба ҳайси муфтӣ мефиристод, аз вай пурсид: «-Ба чӣ чиз амр мекунӣ?» Гуфт: «-Ба Қуръон.» Расули Акрам (с) дигарбора пурсиданд: «-Агар он масъаларо дар Қуръон наёбӣ?» Гуфт: «-Ба ҳадисҳои Пайғомбари Худо амр мекунам». Набии Карим (с) бори севум пурсиданд: «-Агар он масъаларо дар ҳадисҳои Расули Худо (с) пайдо накардӣ?» Маъоз (рз) гуфт: «-Иҷтиҳод мекунам ба раъям». Пайғомбари Худо (с) гуфтанд: «-Алҳамду лиллоҳ, ки муваффақ гардонид расули Расулашро» (2,330).
Шеваи хоси Имом Абӯҳанифа (р) низ дар ҳалли масоили шаръӣ ба ҳамин минвол буд. Яъне, нахуст масъаларо аз Қуръону суннат истинбот мекард. Агар дар Қуръону суннат он масъаларо пайдо накард, пас иҷтиҳод мекард ба раъяш. Ногуфта намонад, ки дар мазҳаби Имоми Аъзам (р) ба ҳадиси заиф амал кардан аз қиёс намудан авлотар аст. Имом Абӯҳанифа (р) мегӯяд: «Мо аввал ба китоби Худо амал мекунем, баъд аз он ба ҳадисҳои Пайғомбари (с), баъдан ба фатвои саҳобагон дар он масъалаҳое, ки иттифоқ доштанд.Агар дар масъалае, ки ихтилоф дошта бошанд, ҳукми он масъалаи ихтилофиро бо ҳам қиёс мекунем, то ки маъно бар мо равшан гардад» (7, 67).

Муаллим бояд ба саъми шогирдон расонад, ки донишмандони ҳадис ҳадисҳои Пайғомбарро ба адади ровиёни ҳадис ба се гурӯҳ тақсим кардаанд: Ҳадисҳои мутавотира, ҳадисҳои машҳура ва ҳадисҳои оҳод. Ҳадисҳои мутавотир назди Имом Абӯҳанифа (р) ҳуҷҷат асту илми яқиниро ифода мекунад. Шеваи баҳрабардорӣ ва тарзу услубиИмом Абӯҳанифа (р) ин буд, ки ҳамаи суннатҳои воридгардида аз ҷаноби Пайғомбар (с)-ро дар як мартаба қарор намедоданд, балки суннати қавлиро аз суннати феълӣ муқаддам медонистанд.
Ба ҳамин минвол сарчашмаҳои дигари усули фиқҳи Имом Абӯҳанифа: **пайравӣ намудан аз фатвои саҳобагони Пайғомбари ислом (с), пайравӣ намудан аз иҷмоъи мусалмонон, амал кардан ба қиёс, амал намудан ба истеҳсон,амал кардан ба урфу одати мусалмонон**дар рисола батафсил баррасӣ шуда, методикаи таълиму тадриси онҳо пешниҳод шудааст. Масалан, дар мавриди пайравӣ намудан аз фатвои саҳобагон омӯзгор нахуст бояд кӣ будани саҳобагон ва мақоми онҳоро дар ислом равшан созад. Баъд аз он метавонад дар масъалаи фатвои саҳобагон ва шеваи

баҳрагирии Имоми Аъзам (р) аз он суҳбат кунад.Дар масъалаи**пайравӣ намудан аз иҷмоъи мусалмонон о**мӯзгор бояд дар ибтидо маънои луғавӣ ва истилоҳии иҷмоъро ба шогирдон фаҳмонад ва нақши онро дар ҳалли масоили шаръӣ бо далоили илмӣ бо такя ба Қуръону суннат, рӯзгори саҳабагон ва дигар ҳаводис таърихии марбут ба дини ислом шарҳ диҳад. Танҳо баъд аз равшан шудани ин масъалаҳо омӯзгор метавонад, ба шарҳи ҷойгоҳи ирҷоъ дар фиқҳи мазҳаби ҳанафӣ  пардозад ва шеваи корбурди онро аз тарафи Имоми Аъзам  шарҳ диҳад.Омӯгор бояд бо иштироки фаъоли шогирдон ҳар як аз чаҳор қисмииҷмоъро баррасӣ кунанд: 1. Иҷмоъи саҳобагони Набии карим (с) бар ҳукме аз аҳкоми ҳодисае. 2. Иҷмоъи баъзе саҳобагон ва сукуту хомушӣ ихтиёр карданӣ баъзеи дигар. 3. Иҷмоъи уламои ислом баъд аз саҳобагон дар он масъалае, ки аз аҳли салафу гузаштагони солеҳи мо  чизе наёмадааст. 4. Иҷмоъи уламо бар яке аз гуфтаҳои гузаштагони  солеҳи мо».  Аз ҷумла омӯзгор бояд таъкид кунад, ки уламои усули мазҳаби Имоми Аъзам (р) иҷмоъи саҳобагони Пайғомбар (с)-ро ба манзалаи ҳукми Қуръони карим медонанд. Ва ё ҳангоми таълими **амал кардан ба қиёс** дар фиқҳи мазҳаби Имоми Аъзам  усули  муқоиса мувофиқи мақсад аст. Бино ба қавли  А.В. Текучев, “муқоиса ва муқоисакунӣ аз воситаҳои муҳими дарки ҳақиқату воқеият аст” (12,16).Бояд донист, ки қиёс ҳуҷҷате аз ҳуҷҷатҳои шариат аст, ки дар вақти наёфтани далел ба он амал карда мешавад. Омӯзгор ҳангоми таълими қиёс бояд ҳуҷҷат дошта бошад. Яъне, аз Қуръону суннат, рӯзгори пайғамбари ислом ва ёсаҳобагону донишмандони дин мисол оварад. Педагоги машҳури рус  К.Д. Ушинский менависад: “Ҳама чизро дар олам танҳо бо воситаи муқоиса кардан дарк мекунем” (14,448). Дар боби амал кардан ба қиёс аз рӯзгори  Расули Худо (с) ҳикояти зер намунаи олӣ шуда метавонад: “ Зане аз қабилаи хасамия назди Расули Худо (с) омада суол кард, ки бар гардани падарам ҳаҷ фарз шудааст, аммо ӯ пир гаштааст ва бар болои уштур ва ё  саворие  нишаста наметавонад.  Оё ман аз ҷониби ӯ ҳаҷ  кунам  раво мегардад?  Расул (с) дар ҷавоби он зан гуфтанд: «Оё бар гардани падарат агар қарзе  бошад, онро аз ҷониби падарат пардохт кунӣ ҷоиз мешавад? Он зан гуфтанд: Оре,   ҷоиз мешавад. Набии карим (с) фармуданд: ҚарзиХудованд авлотар ва беҳтар аст, ки аз ҷониби падарат бипардозӣ» (2,23).  Омӯзгор бояд тавзеҳ диҳад, ки дар  ин ривоят Расули акрам (с) ҳаҷ кардан аз ҷониби шайхи фониро ба адои қарзи молӣ қиёс намуданд. Барои дарки дурусти мавзӯи қиёс омӯзгорро зарур аст бо иштироки фаъоли шогирдон панҷ шарти ҷоиз шудани қиёсро баррасӣ намояд: 1. Бояд қиёс дар муқобили насси сареҳ (оят ё ҳадиси саҳеҳ) воқеъ нашавад.  2. Тағйир додани ҳукме аз аҳкоми нассро дар худ надошта бошад. 3.Қиёс дар зимни худ  ҳукмеро дар бар нагирад, ки маънояш зоҳиру равшан набошад.  4. Иллати қиёс ҳукми шаръӣ бошад, на амри  луғавӣ, яъне он масъаларо бо  ягон ҳукми шаръӣ бояд қиёс намуд,  на бо  ягон амри луғавӣ.5. Бо асли масъала бояд  қиёс  кард, на бо масъалаи фаръӣ. Ҳангоми таълими масъалаи фиқҳии **амал намудан ба истеҳсон** омӯзгор аз методи муқоиса истифода кунад беҳтар аст. Дар таълими масоли фиқҳӣ

мавзӯъҳо ҳастанд, ки бояд онҳоро на ҷудогона, балки дар якҷоягӣ бо истифода аз усули муқоиса таълим додан роҳи хуби ҳалли масъала ба шумор меравад. Масалан, маввзӯи амал намудан ба истеҳсон бо мавзӯи қиёс дар муқоиса бо ҳамдигар бо усули муқоиса таълим дода шаванд, дарки ҳар ду мавзӯъ барои хонандагон осон даст медиҳад. Омӯзгор саравал бояд мафҳуми истеҳсонро ҳам аз лиҳози луғат ва ҳам аз ҷиҳати истилоҳ шарҳ диҳад. Дар ин амал бояд аз рисолаҳои таълимӣ истифода кунад.

Охирини усули фиқҳии мазҳаби Имом Абӯҳанифа (р) **амал кардан ба урфу одати мусалмонон** аст, ки дар фиқҳиин мазҳаб як далели шаръӣ ва яке аз усули асосӣ ба шумор меравад. Омӯзгор бояд донад, ки урф ҳамон вақт далел шуда метавонад, ки муҷтаҳид далели шаръӣ аз Қуръону суннат пайдо карда натавонад, аммо агар урф мухолифи Қуръону суннат бошад, пас он ҳаргиз далел шуда наметавонад. Дар китобҳои усули фиқҳи ҳанафӣ омада, ки Расули Худо (с) ҳар шаҳреро фатҳ менамуд, дар баробари ҷорӣ намудани қавонини ислом ба урфу одатҳои он мардум низ назар мекард ва агар ба қонунҳои ислом муқобил намебуданд, дар бораи манъи он чизе намегуфтанд. Аз ҷумла, ҷашни Наврӯзи мо ҳеҷ мухолифате ба Қуръону суннат надорад.

Ин ҳафт сарчашмае буданд, ки Имоми Аъзам (р) дар раванди фиқҳи мазҳабаш аз онҳо истифода кардааст. Омӯзгорон ва алахусус толибилмонро лозим аст, ки аз ин сарчашмаҳо бохабар бошанд, то ба доми мухолифини мазҳаб ва ё касони муғризу фитнаангез наафтанд. Бояд донист, ки мазҳаби Имоми Аъзам (р) бо заҳматҳои зиёд ва мушкилотҳои пайи ҳам рӯ ба рӯ гардида, бо муғризону бадхоҳони исломи муслимин ва ҳосидону кинатузон баҳсҳо кардаву дар арсаи вуҷуд омадааст. Мо – ворисону пайравони мазҳаби ҳанафӣ, ки онро фарзанди бузурги халқи тоҷик Имом Абӯҳанифа (р) бунёд ниҳода ва аҷдодони мо гаравидаи ин мазҳаби таҳаммулгаро будаанд, бояд онро ба хубӣ донем ва аз рӯйи он дар зиндагӣ амал намоем.

Дар хулоса натоиҷи илмии бадастомада аз таҳқиқи мавзӯъ ба таври ихчам чунин баён шудаанд:

1. Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит маъруф ба Имоми Аъзам (р) – фарзанди фарзонаи халқи тоҷик яке аз нобиғагони тамаддуни исломӣ буда, мактаби фиқҳии бунёднамудаи ӯ аз тавонотарин ва баргузидатарин мазҳаби фиқҳии ҷаҳони ислом маҳсуб мешавад.
2. Дар замони муосир, ки даврони бархурди тамаддунҳост ва дар дохили ислом равияву мазҳабҳои тундгаро ба гумроҳ намудани мусулмонон, хоса ҷавонон машғуланд, зарурат ба омӯзиш ва таълими усулҳои мазҳаби таҳаммулгарои ҳанафӣ, ки бештари мардуми Тоҷикистон гаравидаи онанд, беш аз ҳар замоне ба миён омадааст.

3. Таълиму тарбия **ва**фаро гирифтани дониш дар ислом аз масъалаҳои бунёдӣ буда,омӯхтани илму талаби дониш барои мусулмон фарз маҳсуб мешуд. Роиҷтарин усули таълим дар мактабҳои Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои миёна ҳамоно усули хониши механикӣ ва қориёна аз ёд кардани матн буд, ки бовуҷуди нақсу камбудҳо бартарию дастовардҳо низ дошт.
4. Рӯзгор ва шеваи зиндагии Имом Абӯҳанифаи Нуъмон (р) оганда аз аҳаммияти тарбиявӣ буда, таълими огоҳона ва босамари он дар камолоти маънавии шогирдон муассир хоҳад буд. Чаҳор унсури таълим (донад, тавонад, азхуд кунад ва дар амал тадбиқ намояд) ҳангоми таълими шеваи зиндагии пешвои мазҳаби ҳанафӣ бояд аз ҷониби омӯзгор риоя шавад ва иҷро ҳар як унсури оназ шогирдон тақозо шавад.
5. Шеваи зиндагии Имом Абӯҳанифа (р) намунаи олии Инсони Комил буданаст ва таълими босамари он хонандагонро дар рӯҳияи худшиносию Худошиносӣ тарбият намуда, онҳоро ба роҳи рост ҳидоят мекунад, то саодати дучаҳониро ба даст оваранд.
6. Шеваи тадрис ва методи таълими Имом Абӯҳанифа ҳангоми омӯзиши масоили фиқҳ, ки аз усули таълими суннатӣ бартарӣ дошт, дар асоси мубоҳисаву мусоҳиба бунёд ёфта, шогирдон дар изҳори андеша озод буданд. Ин методи таълим имкон дода, ки душвортарин масоили фиқҳӣ дар якҷоягии устоду шогирдон натиҷагирӣ карда шавад ва зиддияти андеша бартараф гардад.
7. Шеваи бархурд бо андешаи шогирдон ва муносибати Имоми Аъзам бо онҳо, ки намунаи олиии инсондӯстӣ ва педагог-тарбиятгар будан аст, бояд сармашқӣ зиндагӣ ва фаъолияти педагогии ҳар як омӯзгор қарор бигирад.
8. Имом Абӯҳанифа ҳангоми фаъолияти педагогии худ шогирдоне тарбият намуданд, ки ҳар яке алломаи замони худ шуданд ва мактаби фиқҳи бунёдниҳодаи пешвои мазҳабро идомаву равнақ доданд.
9. “Васиятнома” ва андарзҳои Имоми Аъзам намунаи олии андарзгуӣ на танҳо дар тамаддуни исломӣ, балки дар тамаддуни башарист, ки баъдина мавриди истиқболи бузургтарин суханварон қарор гирифтааст. Таълими босамари ин васиятнома ва андарзҳо дар тарбияи маънавии шогирдон ва ташаккули тафаккури онҳо муассир хоҳад буд.
10. Шеваи мунозираи Имом Абӯҳанифа бо дигар донишмандон ва ҳатто бо мухолифон поя бар мантиқ, эҳтиром ва ҳилму сабурӣ дошт. Ин ҳама сифатҳо, ки бояд хоси ҳар як донишманд бошад, дар аксари мунозираҳо ба эшон имкон медод, ки пирӯз шаванд ва ҷониби муқобил ногузир тан медоду фиркри мутафаккирро мепазируфт.
11. Осори Абӯҳанифа Нуъмон ибни Собит, ки аз Қуръону суннат сарчашма мегирад ва то кунун марҷаъи асосии пайравони мазҳаби ҳанафист, бояд ба дурустӣ таълим дода шавад. Муҳимтарин

методе, ки барои таълими осори пешвои мазҳаби ҳанафӣ пешниҳод мешавад, методи суҳбат ё худ суолу ҷавоб аст, зеро ин осор, пеш аз ҳама, ба тарзи мусоҳибаву мубоҳиса эҷод шудааст.

12. Андешаҳои каломии Имом Абӯҳанифа, ки дар ҷомеаи мусулмонӣ мақоми воло дорад, бояд огоҳонатаълим дода шавад. Методи суолу ҷавоб имкон медиҳад, ки шогирдон ҳар масоили каломиро ба дурустӣ бишносанд ва дар амал татбиқ намоянд.
13. Дастури ҳуқуқии Имом Абӯҳанифа ба ҳафт марҷаъ (Қуръон, суннат, фатвои саҳобагон, қиёс, истеҳсон,иҷмоъ, ва урф)-и бунёдӣ асос ёфтааст, ки бояд ҳар яки онҳо ҷудогона, ба тартиби таъйиншуда бо иштироки фаъоли шогирдон баррасӣ шавад. Таълими огоҳонаи ин ҳафт марҷаъ имкон фароҳам меоварад, ки шогирдон унсурҳои асосии ҳар як марҷаъро дарк намоянд ва ҳангоми ҳалли масоили фиқҳӣ дар амал татбиқ карда тавонанд.
14. Дар тадриси унсури фиқҳии қиёс, истеҳсон ва иҷмоъ метод ё худусули муқоиса ба мақсад мувофиқтар аст. Ин метод имкон медиҳад, ки шогирдон ҳангоми ҳалли масоили шаръӣ аз унсурҳои фиқҳи ҳанафӣ, чун қиёсу истеҳсон ва иҷмоъ тавъам, ба тариқӣ муқоиса истифода баранд. Моҳияти ин метод дар он аст, ки масоили фиқҳӣ дар асоси муқоиса бо он масъалаҳое, ки ҳалли худро ёфтаанд, таҳлил мешаванд ва сипас ҳукм бароварда мешавад.
15. Таълими огоҳона ва босамари рӯзгору осор ва андешаҳои мазҳабии Имом Абӯҳанифа дар ҳалли мушкилоти динии ҷомеаи мо, бархурд бо равияҳои тундгаро ва сулҳу суботи кишвар нақш бузург бозида метавонад.

Китобнома:


1. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор\ Эмомалӣ Раҳмон-Душанбе:Эр-граф, 2016.-364 с.
2. Абӯисои Тирмизӣ. Сунани Тирмизӣ. \Абӯисои Тирмизӣ.-Бейрут: Дору-ул-эҳёи туроси арабӣ, 1987. 433 с
3. Абӯисҳоқи Шерозӣ. Табақоту-л-фуқаҳо. \ Абӯисҳоқи Шерозӣ. Бейрут: Дор-ур-роиди арабӣ, 1899. -321с.
4. Абӯлфазл Сайид Абӯлмаотии Нурӣ. Муснад-ул-ҷомеъ.\ Абӯлфазл Сайид.-Бейрут,1998.-435.
5. Аҳмад ибни Муҳаммади Таймур. Назрат-ут-торихияти фӣ ҳудус-ил-мазоҳиб-ил-фиқҳият-ил-арбаъати.\ Аҳмад ибни Муҳаммади Таймур.-Бейрут: Дор-ул-Қодирӣ, 1996. -654 с.
6. Аҳмадов М. Таълими адабиёти тоҷик\ М.Аҳмадов –Хуҷанд: Ношир, 2012.-292 с.
7. Ибни Абӯлвафои Қуршӣ. Ал-Ҷавоҳир-ул-Музийя. \Ибни Абӯлвафои Қуршӣ.- Қоҳира: Мактабату Исо Ал-Ҳалабӣ, 1979. -231с.
8. Лутфуллоев М. Имоми Аъзам ва равиши донишандӯзӣ.\Лутфуллоев М.-Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2009, 24 с.
9. Маҳкамов С. Омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Имоми Аъзам дар мактаб.\ С.Маҳкамов.-Душанбе: Офсед:, 2009, 88 с.

**10.** Муқотил ибни Сулаймони Балхӣ. Тафсири Муқотил ибни Сулаймони Балхӣ. \Муқотил ибни Сулаймон. –Лубнон: Дор-ул-кутуб-ил-илмия, 1424 ҳиҷрӣ. -552 с.
11. Насриддинов Ф. Усули таълим ва тадриси Имоми Аъзам\Ф.Насриддинов\\Маорифи Тоҷикистон, 2009,"4,-с., 35.
**12.** Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе\ А.В. Текучев –Москва: Просвещение, 1988.
**13.** Шамсиддини Заҳабӣ. Маноқиби Имом Абӯҳанифа ва соҳибайҳ. ****Шамсиддин Заҳабӣ.-Ҳайдаробод: Лаҷнаи эҳёи маорифи Нуъмония, 1408 ҳиҷрӣ.-345 с.
**14.** Шербоев С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ. .\Шербоев С.-Душанбе: Бухоро, 2014. -460 с

**Мақолаҳое, ки доир ба мавзӯъ ба нашр расидаанд:**

**а) Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи КОА назди дастгоҳи Президенти ҶТ**

1.Саидаҳмадов М.Пайдоиши мазҳабҳои чаҳоргонаи аҳли суннати валҷамоат ва шеваи тадриси онҳо. \М.Саидаҳмадов\\Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ.-Душанбе, 2018, № 3(75),. –С.,290-296.

2. Саидаҳмадов М. Методикаи таълими шеваи зиндагии Имоми Аъзам(р) ва аҳаммияти тарбиявии он.\М.Саидаҳмадов\\Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон.–Душанбе, 2018, №5,-С.231-235.

3.Саидаҳмадов М.Шеваи тадриси мазҳаби ҳанафӣ ва шинохти мақоми Имоми Аъзам дар тамаддуни исломӣ.\М.Саидаҳмадов\\Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон.-Душанбе, 2019, № 2.-С.,306-308.

б) **Дастурҳои таълимӣ ва мақолаҳо дар дигар маҷаллаҳои илмӣ:**

1.Саидаҳмадов М.Биррулволидайн(дастури таълимӣ).\ .Саидаҳмадов М.-Душанбе: Донишгоҳи исломии ба номи Имом Тирмизӣ, 1999.-40 с.,

2.Саидаҳмадов М.Ирҳоб ва ё ифротгароӣ аз нигоҳи ислом. \М.Саидаҳмадов\\ Баҳори Аҷам.2015. –С.10.

3. Саидаҳмадов М. Муҳаббат ва ифтихори ватандорӣ.\ М. Саидаҳмадов \\Дин ва ҷомеа, 2015, № 5.-с.,16-17.

4.Саидаҳмадов М .Ислом ва аҳамияти оилаи солим.М.Саидаҳмадов\\ Дин ва ҷомеа 2018,№10,-С.,40-41.

5.Саидаҳмадов М. Сарчашмаи мазоҳиб (дастури таълимӣ).\М. Саидаҳмадов.-Душанбе, 20009.-156 с.,

7. Саидаҳмадов М. 500 саволу ҷавобаз рӯзгори Расул (с) ва асҳоб тобеъин табаа тобеин(дастури таълимӣ)). \М Саидаҳмадов. -Душанбе: Паёми ошно, 2014.-150 с.

8. Саидаҳмадов М. Ҳаёти илмии Имом Абӯҳанифаи Нӯъмон (р)(дастури таълимӣ).\М. Саидаҳмадов.-Душанбе: Паёми ошно, 2014.-103с.